# ХУЛОСА

**оиди кори рисолавии Муҳаммад Усмон Билим дар мавзӯи: "Барқароркунии тартиби шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳи шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон " барои гирифтани унвони илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05.23 22 - "Шаҳрсозӣ, банақшагирии шаҳракҳои деҳот"**

Унвонҷӯй Муҳаммад Усмон Билим соли 1985 ба факултети «Меъморӣ ва сохтмон» -и Донишкадаи политехникии Кобул дохил шуда онро соли 1990 бомуваффақият хатм намудааст ва сазовори дипломи магистр аз рӯи ихтисоси “Лоиҳакаши биноҳои шаҳрвандӣ ва саноатӣ” гаштааст.

Ӯ тӯли солҳои 1990 – 1995 фаъолияти кориро дар Вазорати «Шаҳрсозӣ ва арозӣ» ба ҳайси лоиҳакаш ва барномасоз, баъдтар ҳамчун Раиси «Шаҳрсозӣ ва Арозӣ»-и вилояти Ҷавзҷони Афғонистон пеш бурдааст. Солҳои 1995 - 1998 ба ҳайси устоди департаменти “Меъморӣ ва сохтмон”- и Донишгоҳи Ҷавзҷони Афғонистон фаъолият педагогӣ кардааст.

Натиҷаи чунин фаъолияти касбиаш Билим Муҳаммад Усмон соли 2016 ба аспирантураи шӯбаи “Меъмории” Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дохил шуд.

Тӯли солҳои 2016-2020 ӯ дар аспирантураи шӯбаи ғоибонаи ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯи ихтисоси 05 23 22-«Шаҳрсозӣ, тарҳрезии шаҳракҳои деҳот” таҳсил намуда корҳои тадқиқотии хулро пеш бурд.. Дар давраи таҳсил дар аспирантура ӯ ҳамаи имтиҳонҳои унвонҷӯи ва тахассусиро бомуваффақият супорид ва методикаи корҳои таҳқиқотӣ, назарияи замонави шаҳрсозиро пурра азхуд намуд. Ба дарсҳои “Назарияи шаҳрсозӣ ва тарҳрезии ноҳиявӣ” “Экологияи шаҳрсозӣ” таҳти роҳбарии ман фаъолона иштирок намуда методикаи тарҳрезӣ ва бинокории шаҳру деҳотро дар шароити минтақаҳои кӯҳӣ аз худ намуд.

Билим М.У. оиди раванди корҳои илмии худ "Барқароркунии тартиби шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳи шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон " 5 мақолаи илмиро ба чоп расонид. Оид ба натиҷаҳои корҳои тадқиқотиаш дар Конференсияву семинарҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ баромадҳо намуд. Дар дарсҳои назариявӣ ва амалии кафедраи “Меъморӣ ва шаҳрсозӣ” иштирок намуда аз натиҷаҳои корҳои илмиаш ба донишҷӯён ифодаи назар мекард.

Муовфиқи мавзӯи кори рисолавӣ омӯзиш ва таҳлили чунин масъадаҳои муҳими шаҳрсозии Афғонистони имрӯза дар назди ӯ гузошта шуда буд:

- ҷамъоварии маълумоти мухталифи ташаккули сохтори шаҳрӣ барои омӯзишӣ риштаҳои тарроҳии шаҳрӣ, барномарезии сохтори шаҳрӣ, ташаккули шаҳру шаҳрсозӣ ва гуногунрангии меъмории шаҳрҳо;

- муайян кардани назарияи навини шаҳрсозӣ ва пешниҳод ба азнавсозии идоракунии фаъолияти шаҳрсозӣ оиди корбастҳои маҳалҳои истиқоматии шаҳрӣ, ҷиҳати тавсия барои ташаккули шаҳрҳои калон ва сохтани муҳити беҳтарини маҳалҳои зисти шаҳрӣ дар он;

- муайян намудани равияи илмии тарроҳӣ дар сиёсати шаҳрсозӣ, аҳамият ва нақши он дар риштаи муҳими идоракунии фаъолияти шаҳрсозӣ ҳамчун асос дар барномарезиҳои навини шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон;

Масъалаҳои гузоштаашуда дар диссертаҷии номбурда дар асоси методологияи илмии равияи "Шаҳрсозӣ ва тарҳрезии ноҳиявӣ" пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Равияи таҳқиқотии кори рисолавӣ ба шиносномаи тахассуси илмии *КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*: 05.23.22 – "Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот", аз он ҷумла қисматҳои назарияи шаҳрсозӣ, тарҳрезии минтақаҳо ва ноҳияҳо; бозсозӣ ва таҷдиди мавзеъҳои истиқоматии шаҳрҳо мувофиқ аст.

Кори диссертатсионии Билим Муҳаммад Усмон дар мавзӯи: «Барқароркунии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳи шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон» пурра ба итмом расидааст ва барои ҳимояи дараҷаи илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05.23.22 – «шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот» пешбарӣ карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
доктори меъморӣ,
академики Академияи муҳандисии ҶТ
и.в.профессори кафедраи "Меъморӣ ва шаҳрсозӣ"-и ДТТ ба номи акад. М.С.Осимӣ — Акбаров А.

Имзои назди мекунам
Сардори шӯъбаи кадрҳо — Шарипова Д.А.